«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», доктори илмҳои таърих, профессор
_____________Усмонзода Аюб Ислом
«___» ___марти_____ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат мекунад.

Дар замони пуртаззоди ҷаҳонишавӣ таҳқиқи мавзуъҳои асримиёнагӣ, бахусус масъалаҳои давраи ташаккули халқи тоҷик, аз масъалаҳои муҳимтарини таърихӣ ҳисобида мешавад. Масъалаи забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр яке аз чунин мавзуъҳое мебошад, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимою иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X, ки замони ташаккули халқи тоҷик шуморида мешавад, нақши бориз дорад. Забткориҳои араб дар Хуросон агар сабаби шикасти бебозгашти низоми шоҳаншоҳии Сосониён

шуда бошанд, аз ҷониби дигар омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии сохти яккаҳокимияти мутлақ ва пуртаззоду шадиди табақотӣ, вазъи ногувори иқтисодӣ ва омезиши эътиқодоти мардум ба боварҳои гуногун, ба пойдевори ин давлат зарба зада, боиси таназзул ва шикасти пурраи он гардиданд.

Халифаҳою волиёни араб дар тули забткориҳо ва раванди идории Хуросону Мовароуннаҳр ба амалҳои ғайриодилона ва берун аз қонунҳои ислом даст заданд, ки боиси ба вуҷуд омадани ошӯбҳои зиддиарабӣ дар ин минтақа гардиданд. Арабҳои истилогар вазифаҳои аслии худро, ки интишори дин буд, як тараф гузошта, даст ба тамаъ ва моли мардуми Хуросону Мовароуннаҳр заданд. Дар баробари таҳкими ҷизя ва хироҷҳои вазнин бар дӯши мардуми одӣ, онҳо аз усулҳои аслии дин, бахусус аз адолати иҷтимоӣ даст кашиданд, ки дар натиҷа мардуми аз ин сиёсат норозӣ даст ба исёну шӯришҳо заданд. Довталаби дараҷаи илмӣ Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дуруст қайд менамояд, ки “Муҳимтар аз ҳама натиҷаи шӯришҳои мардумӣ аз он иборат буд, ки як неруи бузург ва тафаккури зиддиарабиро дар Хуросону Мовароуннаҳр ба миён оварда тавонист. Илова бар ин мардумони бумии минтақаро аз ҷумлаи хонадонҳои бузургу муаззами Бармакӣ – Яҳё, Фазл, Ҷаъфар, хонадони Саҳли Сарахсӣ – Фазл ва Ҳасан ибни Саҳли Сарахсӣ, хонадони Пашангӣ – Талҳа, Абдулло, Тоҳир ва Муҳаммад, хонадони Тусӣ – Фазл ибни Сулаймон ва Ҷаъфари Тӯсӣ, хонадони Саффориён – Яъқуб ва Амр ибни Лайси Саффорӣ, хонадони Сомониён – Асад ва фарзандону хонаводагони онҳо аз ҷониби халифаҳои аббосӣ ба умури давлатӣ, ба мансабҳои волиёни Хуросону Мовароуннаҳр, вазирон ва сарлашкарон таъйин мегардиданд, ки ин армони деринаи мардумони бумии Хуросони бузург дар роҳи ҳифзи марзу буми аҷдодияшон буд. Аз ин ба баъд Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуб ибни Лайс ва Асад ибни Сомон дар назди халифа эътибори фавқуллода пайдо намуда, минбаъд идораи Хуросону Мовароуннаҳр ба хонадонҳои Тоҳириёну Саффориёну Сомониён интиқол

ёфта, пас аз чанде истиқлолияти ҳудудиву маъмурии хешро дар шакли аморат ба даст оварданд” (диссертатсия, саҳ. 224-225).

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, таърихнигории масъала, аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳо аз таҳқиқот, дар маҷмуъ, саҳми шахсии муҳаққикро нишон медиҳанд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ (Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико) дар робита ба мавзуи «Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X», таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб кард. Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои марбути таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда – таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, масъалагузорӣ, шаффофият ва беғаразӣ дар асоси факту далелҳо истифода намудааст. Тибқи андешаи диссертант, аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр муайян ва мушаххас гардидааст. **Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама,

дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар таърихнигории тоҷик масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X дар асоси сарчашмаҳои муътамади асрҳои IX-XII форсию арабӣ ва осори илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарии** кори таҳқиқии Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич бо он асоснок мегардад, ки ба хулосаҳои муаллифи диссертатсия зимни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун дар улуми таърихнигорӣ, сарчашмашиносӣ, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ ва ғайра метавон такя кард.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки маводи фароҳамомада, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи дастурҳои таълимӣ, монографияҳо, китобҳои дарсии таърихи халқи тоҷик, таърихи кишварҳои Осиё ва Африқо, таърихи динҳо, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ тадриси курсу семинарҳои махсус оид ба таърихнигорию манбаъшиносӣ, навиштани рисолаҳои доктории дараҷаи PhD, номзадӣ, магистрӣ ва рисолаҳои хатм дар факултетҳои таъриху фалсафа кумаки амалӣ расонида метавонанд.

Диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич аз муқаддима, чаҳор боб, даҳ зербоб, хулоса, номгӯи интишороти муаллиф ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, ҳудудҳои хронологии рисола, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Сарчашмаҳо ва таърихнигории мавзуи таҳқиқшаванда» унвон дошта, таҳқиқи масъала дар ду зербоб анҷом дода

шудааст. Зербоби аввали он «Сарчашмашиносии масъалаи таҳқиқшаванда» унвон дорад, ки дар он сарчашмаҳои таърихӣ ба панҷ бахш тақсим карда шуда, осори ҷуғрофии арабу мусулмони асрҳои IX-XIV, таърихномаҳои таърихҳои умумӣ, таърихномаҳои маҳаллӣ, сарчашмаҳои солноманигорӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин бахш ба хулосае меояд, ки "сарчашмаҳои таърихии асрҳои IX-XII арабу форсу тоҷик сарчашмаҳои нодир доир ба мавзуъ буда, маълумоти онҳо мазмун ва муҳтавои мавзуи забткориҳои арабро дар Хуросону Мовароуннаҳр бозгӯ карда метавонанд (диссертатсия, саҳ. 53).

«Таърихнигории масъалаи таҳқиқшаванда» зербоби дуюми боби якуми рисола унвон дошта, ба талаботи мазмун ва мундариҷаи тартиб додани сохтори рисолаи докторӣ мувофиқ мебошад. Дар ин бахш муаллиф раванди забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми  Хуросону Мовароуннаҳрро дар пажӯҳишҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарории илмӣ қарор додааст. Дар таҳқиқ ва таҳияи  диссертатсия осори илмии олимону муҳаққиқони муосири тоҷик, олимони Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои Араб, Русия ва Аврупову Амрико мавриди истифодаи васеъ қарор дода шуда, натиҷагириҳои воқеии илмӣ бароварда шудааст. Муҳиммияти масъала дар он аст, ки диссертант аз ҷузъиёти таърихнигории масъала огоҳ буда, ҳатто аз лиҳози фарогирии мавзуъ ва мазмуну мундариҷа осори илмии ҳар минтақаро ба бахшҳои гуногун тақсимбандӣ намудааст, ки аз муваффақиятҳои камназири ин самт мебошад.

Боби дуюми диссертатсия – «Инъикоси вазъи умумии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи забткориҳои араб дар манобеи таърихӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ» ном дошта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби аввали он, ки "Ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва вазъияти сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳуҷумҳои арабҳо" ном дорад, баҳси сарзамини

таърихии тоҷикон, ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва этникии паҳншавии ниёгони тоҷикон дар Тахористону Суғду Хорзам, ки баъдан Хуросону Мовароуннаҳр ном мегирад, инчунин вазъи сиёсию парокандагии ҳокимони маҳаллии минтақа дар арафаи забткориҳои араб мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Зербоби дуюми ин боб ба «Ваъзи иҷтимоӣ ва иқтисодии Хуросону Мовароуннаҳр дар арафаи ҳамлаи арабҳо» бахшида шудааст, ки мантиқан вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳолатҳои буҳронӣ аз ҳама муҳиммтар ва таъсиргузортар мебошанд. Диссертант барои бозкушоии ин вазъи иҷтимоию иқтисодии ин замон мисолҳои зиёде бо далелу бурҳони қавӣ аз сарчашмаҳои таърихӣ пешниҳод менамояд, ки миёни онҳо низоми иҷтимоии табақотӣ, низоми куҳнаи андозситонӣ, хушксолӣ ва камобӣ, ҷангҳои доимии шоҳаншоҳон бо давлатҳои ҳамсоя, паёмадҳои ислоҳоти Хусрав ва ғ. ба ҳисоб меравand. Диссертант дар зербоби сеюми боби дуюм «Вазъи эътиқодии мардумони бумии минтақа қабл аз ворид шудани арабҳо» ба таҳқиқи вазъи эътиқодию диндорӣ ва вазъи фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр пардохта, бо такя ба сарчашмаҳои зиёди асримиёнагӣ ва асарҳои таҳқиқотии олимони муосири ватанию хориҷӣ вазъи эътиқодию равонии ин давраро муайян ва мушаххас намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Сарчашмашиносӣ ва таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои озодихоҳонаи мардумӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр» унвон дошта, дар зербоби аввал, ки “Раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ” номгузорӣ шудааст, масъалаҳои муҳиммтарини раванди забткориҳои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр бо такя ба сарчашмаҳои дасти аввали таърихӣ бо қиёс бо таҳқиқоти олимони муосири ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант дар ин бахш муҳимтарин сабабҳои шикасти шоҳаншоҳии Сосониён ва забт гардидани сарзамини тоҷиконро аз ҷониби арабҳо дар омилҳои набудани давлати ягонаву муқтадир дар Хуросону Мовароуннаҳр ҳангоми ҳамлаи

арабҳо, вуҷуд надоштани иттиҳоди сиёсӣ дар миёни мулкҳои парешон ва набудани боварӣ миёни сардорони вилоятҳо ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр, эътиқод ба дину ойинҳои гуногун дар Нишопуру Балху Тахору Хутал ва Бухорову Фарғонаву Чоч, ки монеи ҳамбастагии руҳонӣ дар байни сардорони вилоят ва аҳли лашкари онҳо мегашт, хиёнати ҳампаймонони турк ва чинӣ, ки мулкҳои Мовароуннаҳрро ба ҳоли худ гузошта буданд, ба тафриқаандозии Қутайба ва дигар сарлашкарони араб дода шудани ҳокимони маҳаллӣ мебинад, ки комилан дуруст мебошад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи ҳувиятсоз барои имрӯзи ҷомеаи мо "Муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр бар зидди истилогарони араб" мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шуда, диссертант дар ин боб аз шуришу исёнҳои зиёди арабӣ ёдовар шуда, ҳатто онҳоро аз лиҳози мақсад ва аҳаммияташон ба гуруҳҳо ҷудо намудааст, ки миёни онҳо шӯришҳои деҳқонӣ, зиддиарабӣ, мазҳабӣ ё зиддидинӣ ва озодихоҳӣ мақоми арзанда доранд. Дар воқеъ, хулосабарории диссертант илман асоснок ва мантиқӣ буда, дар амал татбиқ намудани онҳо барои имрӯзи ҷомеаи навини мо аз аҳаммият холӣ нест.

"Пайомадҳои забткориҳои араб ва паҳншавии дини нав дар Хуросону Мовароуннаҳр ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ" боби чоруми диссертатсия буда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар зербоби аввали он "Инъикоси раванди исломикунонии Хуросону Мовароуннаҳр дар сарчашмаҳои таърихӣ" довталаби дараҷаи илмӣ раванди исломикунонӣ ва исломпазирии мардумони бумии Хуросону Мовароуннаҳрро мавриди таҳқиқ қарор дода, 14 омили муҳимтарини исломикунонӣ ва исломпазирии мардумро муайян ва мушаххас намудааст.

Дар раванди ҷаҳонишавии ҷаҳони муосир шоҳиди он мешавем, ҳамарӯза олимону мутафаккирони тоҷик "ворисону соҳибони нав" пайдо мекунанд. Диссертант ин масъаларо ба назари эътибор гирифта, дар зербоби дуюми боби чоруми диссертатсия ("Саҳми донишмандони минтақа дар рушду

густариши улум ва фарҳанги ин давра”) саҳми олимону мутафаккирони тоҷикро дар ташаккул ва рушди илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносии асрҳои VIII-X мавриди пажӯҳиш карор дода, ҷойгоҳи онҳоро дар илми асримиёнагӣ муайян кардааст.

Зербоби сеюми боби чорум “Нақш ва мақоми ҳанафия дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросону Мовароуннаҳр” номгузорӣ шуда, дар таҳқиқи ин масъала муаллиф ба хулосае меояд, ки дар даврони салтанати Сомониён шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмӣ боиси поягузориву бунёди таълимоти давлатӣ дар доираи ақидаҳои Абуҳанифа гардид. Ҳадаф аз таъсиси ин таълимот ташаккул додани андешаҳои каломӣ, фиқҳӣ, ахлоқӣ ва сиёсии мактаби хусусияти миллӣ-мазҳабидоштаи ҳанафияи Мовароуннаҳр аз рушду инкишофи таълимоти ахлоқии ҷомеа, хотима бахшидан ба мубориззоти сиёсӣ ва ҷангҳои қавмӣ ва маҳаллӣ, пешрафти илму фарҳанг дар доираи як ғояи муттаҳидсозандаи оммаи мардум, беҳбудӣ бахшидан дар муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва ахиран ба воситаи ин таълимот аз сарҳадоти Чин то қисмати Шимолии Африқо паҳн намудани арзишҳои миллии тоҷикон иборат буд.

**Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант** дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия дар 25 банд оварда шудааст, ки аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои натиҷаҳои бадастомада дарак медиҳанд. Номгӯйи интишорот ва феҳристи адабиёти истифодакардаи диссертант агар аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз тарафи дигар, бозгӯкунандаи сатҳу салиқаи баланди илмӣ-таҳқиқотии касбӣ доштани муаллифро нишон медиҳад. Ин нуктаро инчунин баҳсҳои диссертант дар мақолаҳои қаблан нашрнамудааш бо муҳаққиқони қаблии ватанию хориҷӣ, ки масъалаи мазкурро баррасӣ намудаанд, собит месозад. Ба аҳли таҳқиқ равшан аст, ки диссертант солҳои зиёд ба пужӯҳиши масъалаи таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросони Мовароуннаҳр

машғул буд. Мақолаҳои зиёд, маърузаю суханрониҳои илмии ӯ, ки пайваста ба нашр мерасиданд, далели равшани гуфтаҳои болост.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои фаровони илмию тадкиқотӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар боби дуюми диссертатсия вазъи сиёсӣ зиёд матраҳ гардида, баъзе мисолҳои овардашуда, аз лиҳози ҳудудҳои хронологӣ пештар ба вуқуъ пайвастаанд.

2. Барои боз ҳам фаҳмо гардидани ҳудудҳои ҷуғрофии рисола, ки аз масъалаи муҳимми имрӯз барои донистани ватани таърихии тоҷикон маҳсуб мешавад, хуб мешуд ин масъала дар зербоби алоҳида мавриди таҳқиқ мегирифт.

3. Дар матни рисола баъзе номҳои ҷуғрофӣ ва номҳои ашхос ду тарзи навишт доранд. Масалан: Пайканд-Байканд; Хуталон-Хатлон. Якранг намудани номҳои ҷуғрофӣ боиси боз ҳам баланд гардидани сифати рисола хоҳад гардид.

4. Ҷойгоҳи мазҳаби ҳанафия дар ахлоқ ва маънавиёти сокинони Осиёи Марказӣ беназир аст. Хуб мешуд таърихи ташаккул ва роҳҳои паҳншавии он дар Хуросону Мовароуннаҳр мушаххастар нишон дода мешуд.

5. Дар бахши «Рӯйхати адабиёт»-и диссертатсия аввалан баъзе сарчашмаҳо бе соли нашр омада, сониян принсипи хронологии овардани таълифоти муҳаккиқони алоҳида бояд риоят мегардид.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажӯҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич дар мавзуи

«Таърихнигории забткориҳои араб ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои VIII-X» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, диссертант лаёқати баланди илмӣ дошта, фаъолият ва осори илмии ӯ бевосита ба самти таърихнигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 18 номгӯйи мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Хулоса,** диссертатсияи Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои бамиёнгузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраротҳи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** Турсунов Бустон Раҳмонович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 15-уми марти соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: **24 нафар**. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – **24 нафар**, зид – **«нест»,** бетараф **– «нест».**

Суратҷаласаи № 8, аз 15.03.2024.

**Мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Маҳмудова**
**Назира Солихуҷаевна**

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Турсунов**
**Бустон Раҳмонович**

**Котиби ҷаласа:** **Ӯлмасова Мухлисахон**

**Имзоҳои Н.С. Маҳмудова, Б.Р. Турсунов**
**ва М. Ӯлмасоваро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Э.М.**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел: (992-3432) 6-52-73; Факс: (992-3432) 6-75-18;
E-mail:rector@hgu.tj

**15 марти соли 2024.**